**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Тиллобаева Салима Махмадалиевна дар мавзӯи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон (асрҳои IX-XVII)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника.**

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиш ва рушди фанҳои дақиқ, ки фанни геометрия низ ба ин гурӯҳ шомил аст диққати махсус дода мешавад. Дар ин самт аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд қарорҳои мувофиқ аз ҷумла «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» таҳти рақами №765 аз 4 декабри соли 2014 ва бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами №1445 аз 31январи соли 2020 дар бораи солҳои "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ ,дақиқ ва риёзӣ, дар сохаи илму маориф" эълон гардидааст.

Дар ҳақиқат, дар давлати тарақиёфта, пеш аз ҳама, ба таълим ва татбиқи ин фанҳо диққати махсус дода мешавад, зеро асоси ҳама пешравиҳои илму техника, ки бе ин ҷамъияти муосирро тасаввур кардан аз имкон берун аст, рушди маҳз ана ҳамин фанҳо ташкил медиҳанд.

Аз ин ҷиҳат, мавзӯи интихобкардаи диссертант Тиллобаева С. М. зери унвони «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон (асрҳои IX-XVII) »-ро яке аз мавзӯҳои мубрам ва муҳим ҳисобидан мумкин аст.

Чӣ тавре дар автореферат қайд мегардад, илми геометрия ҳамчун қисми ҷудонашаванда ва муҳимми математика ва дар дигар илмҳо низ татбиқи васеъ дорад, хусусан дар илмҳои физика, техника ва дигарон. Инчунин ба ҳисобкуниҳои астрономӣ зич алоқаманд буда, вобаста ба ин дар асрҳои миёна, дар расадхонаҳо, ки аз тарафи олимони гуногун сохта мешуданд, ба ин илм диққати калон дода мешуд.

Унвонҷӯ дар асоси таҳлили ақидаҳои олимони давраи таҳқиқгардида ба хулосае омадааст, ки омӯзиши таърихи рушди илми геометрия дар асрҳои миёнаи Осиёи Миёна ва Эрон муҳим буда нақши дастовардҳои олимони ин давраро инъикос намудан аз ҷиҳати илмӣ зарур аст.

Тавсифи умумии автореферат мубрамияти мавзӯи интихобгардида, дараҷаи коркарди илмии проблема, объект, ҳадаф, вазифа ва фарзия, ғояи пешбар, сарчашмаҳо, навгонии илмӣ, арзишҳои назариявию амалӣ, инчунин марҳилаҳои таҳқиқот, нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод

мегарданд, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Аз автореферат маълум мегардад, ки мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Тиллобаева Салима Махмадалиевна дар зиёда аз 22 номгӯи корҳои илмӣ инъикос карда шудааст, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Росия тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

Ҳамин таввр,қайд кардан мумкин аст, ки таҳқиқотеро, ки аз тарафи Тиллобаева С. М. ба иҷро расонида шудааст, аз нигоҳи назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумӯи илми таърихи геометрия саҳмгузор мегардад.

Аз ин рӯ рисолаи Тиллобаева Салима Махмадалиевна таҳти унвони «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон (асрҳои IX-XVII)» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯй ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника арзанда аст.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.таърих, ив: дотсенти кафедраи
«Шабакаҳои баркӣ ва физикаи умумӣ»-и
ДТМИК: Исоев С.Қ.

Имзои **Исоев С.Қ**-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва
коргузории ДТМИК: Шокиров Қ.Б.